**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ дар он таҷассум меёбад, ки иқтисодиёти ҳеҷ як мамлакат бе низоми бонкӣ имконияти рушд карданро надорад ва фаъолияти бонкӣ низ бинобар сабаби пешрафти босуръати технологияҳо, рушди иқтисодӣ, гуногунрангии амалиёти бонкӣ ва тақвияти рақобат ё ҳамгирой дар байни ташкилотҳои молиявӣ мураккаб гардида истодааст. Бинобар ин, муваффақияти ҳар як бонк, дар баробари идоракунии дигар тағйирёбандаҳо, махсусан дар шароити бесуботии иқтисодиёт, аз идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳои он вобастагии зич дорад. Аз ин хотир, бонкҳо барои баланд намудани даромад аз амалиётҳои худ, бояд идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳои худро дар шакли зарурӣ амалӣ намоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи стратегияи миллӣ ва барномаи миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, идоракунии дороиҳои бонкӣ бо самаранокии идоракунии захираҳо ва истифодаи воситаҳо, дар самти даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, кифоятии сармоя, инчунин бо риояи қоидаю дастурамалҳои танзимгари асосӣ алоқамандӣ дорад.

Аз ҷониби унвонҷӯ дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии дороиҳои бонкӣ» асосҳои назариявии низоми бонкӣ, бонк, дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии дороиҳои бонкӣ, заминаҳои институтсионалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар замони муосир, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки пайдарҳамии параграфҳо аз рӯи муҳимияти масъала дар сатҳи баланд иҷро гардидааст, зеро дар аввал асосҳои назариявии идоракунии дороиҳои бонкӣ дида баромада шуда, мафҳумҳои асосии низоми бонкӣ ба пуррагӣ шарҳ дода шудааст. Сипас заминаҳои институтсионалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити муосирмавриди омӯзиш қарор дода шуда, муайян гардидааст, ки бе ҷалби сармояи иловагӣ фоидаи даркориро ба даст

овардан ғайриимкон аст. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ташкили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ ин таҷрибаи хориҷӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ин барои пешрафти фаъолияти тамоми ташкилотҳои қарзии амалкунанада манфиатовар мебошад.

Дар боби дуюм бошад унвонҷӯ «Таҳлил ва баҳодиҳии идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», яъне масъалаҳои равандҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ ва баҳодиҳии сифати дороиҳо дар шароити муосир, баҳодиҳии динамикии идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ, арзёбии хавфҳои муосири низоми бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин қисмат унвонҷӯ бисёр ба маврид қайд намудааст, ки идораи дурусти дороиҳои бонкӣ яке аз омилҳои калидии фаъолияти босубот ва босуръати низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, дар натиҷа нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ боло рафта, барои пешрафти низоми бонкии кишвар мусоидат менамояд.

Дар боби сеюм унвонҷӯ масъалаҳои «Такмили идоракунии дороиҳои бонкӣ ва кам намудани сатҳи пастравии сифати онҳо» бошад, масъалаҳои актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити баланд гардидани талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳои имконпазири кам намудани хавфи пастравии сифати дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза, роҳҳои таъмини устувории молиявӣ ва истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин қисмат ба таври биниши стратегӣ нахуст мушкилоти соҳа, баъдан роҳҳои ҳалли онҳо ва тадбирҳо барои такмили низоми идоракунии аз рӯи самтҳои қобили таваҷҷуҳ коркард ва пешниҳод шудааст. Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ ва муайян намудани сифати онҳо пешниҳодҳо намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад.

Бовуҷуди муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста наменамоянд. Ҳамзамон бо ислоҳи ин норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертатсия беҳтар мешавад:

1. Дар параграфи 1-уми боби 1, ки «Асосҳои назариявии идоракунии дороиҳои бонкӣ» номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ ақидаи олимони ватаниро нисбат ба дороиҳои бонкӣ ва идоракунии онҳо нисбатан кам истифода намудааст ва дар акси ҳол арзиши кори таҳқиқотӣ боз ҳам баланд мегардид (саҳ.15-29).

2. Муаллиф дар таҳқиқоти илмии худ хавфҳои муосири бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳоро арзёбӣ намудааст, аммо муаллифро мебоист

хавфҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, махсусан хавфҳои муосири бонкиро дар алоҳидагӣ муайян менамуд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунад.

Кори илмӣ-тадқиқотии Аҳадов Иматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои КОА-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсент,**
**декани факултети менеҷмент ва**
**маркетинги байналмилалии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Раҳимзода М.И.**

**Имзои Раҳимзода М.И.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДТТ** **Бухориев А.А.**

**Суроғаи донишгоҳ:**
**734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, куч. Н.Каробоев 63/3,**
**Телефон: +992(37) 234-79-88**
**Факс: +992(37) 234-79-88**
**E-mail: rectorat-favri-tut@mail.ru**
**Сомона: https:// www. tut.tj/**